The Global Fund

АФИФ AFIF

# УМРИ ДУБОРА




*Дар сурат: Ориф, мизоҷи лоиҳа*

*«Ман ҳамагӣ 14 сола буда, писари калонии оила будам. Ман ҳафт хоҳар доштам. Ман дар оила фарзанди дӯстдошта будам. Тамоми корҳои хонаро падару модарам ва хоҳаронам иҷро мекарданд. Ҳеҷ кас аз ман ёрӣ намепурсид ва савол оиди он, ки ман чӣ кор мекунам, бо кӣ дӯст ҳастам, ба куҷо меравам ва кадом вақт ба хона бармегардам, ба миён намеомад. Падарам ҳама вақт ба ман пул медод. Дӯстонам аз пулдории ман истифода намуда, аввал ба ман сигор, баъд пиво, барои фаҳмидани таъсири онҳо, таклиф карданд. Ман тез-тез ба хона маст меомадагӣ шудам ва падарам ба ҷои таҳқир ё дашном додан, фахр мекард, ки писарам мард шуда истодааст. Ин суханҳо боз ба ман илҳом барои қадамҳои дигар мебахшиданд - ман истеъмоли нос ва арақро сар кардам. Вақте ки ман 17-сола шудам (соли 1982), ман ба кашидани анаша сар кардам. Дар солҳои 80-ӯм героин барои ҳама дастрас шуд ва ман бори аввал, дар соли 1985, ба истифодаи героин шурӯъ кардам. Дар аввал ман героинро ҳамчун сигор мекашидам, ва чун ин истеъмол самараи дилхоҳ надод, ман ба сӯзандору гузаштам. Ҳамон сол, яъне соли 1985, манро оиладор карданд. Бо гузашти вақт, саломатии ман бад шудан гирифт. Ман хароб шудам. Ҳолати ман бадтар ва бадтар шудан гирифт ва падарам аз саломатии ман хавотир шуд. Яке аз хешовандон маслиҳат дод, ки ба равоншинос муроҷиат кардан лозим аст. Ман панҷ маротиба табобати равоншиносро гирифтам. Пас аз табобати равоншинос, онҳо ба хулоса омаданд, ки ман бояд бо ягон намуд кор машғул шавам. Падарам якбора се гови ширӣ харид. Дар ҳамон вақт дар наздикии хонаи мо комбинати равғанбарорӣ кор мекард. Ҳар шаб ман, барои говҳоям, 10-15 халта коркарди равғанро аз комбинат дуздида, аз болои девор мепартофтам. Ман тоб оварда натавонистам. Ман мехостам аз говҳо халос шавам ва аз ин рӯ падарамро бовар кунондам, ки ҳадди аққал ду говро фурӯшад. Падарам розӣ шуд. Дар хона як гов ва як гӯсола монданд. Барои халос шудан аз ин гов низ, ман қассобро даъват кардам, ва ӯ шабона, пинҳонӣ, говро кушт, ман бошам ба падарам гуфтам, ки говро дуздиданд. Ман маблағи аз фурӯши гӯшт ба даст овардаро барои героин сарф кардам. Солҳо гузаштанд, фарзандони ман калон шуда, мактабхон шуданд. Дар оила сарфу харочотҳо зиёд шуданд, аммо падарам дигар бо сабаби бемориаш кор карда наметавонист. Падарам аз бемории сил вафот кард. Пас аз вафоти падарам, ҳама мушкилотҳо нисбати таъминоти оилаам ба дӯши ман афтоданд, аммо саломатии ман низ бад буд, чунки ман аз нашъамандии тазриқӣ пурра вобаста будам. Боре, бо мақсади ба даст овардани героин, ман розӣ шудам, ки як дарахтеро, ки 20 метр баландӣ дошт, арра кунам. Пеш аз ин, ман ҳеҷ гоҳ дар дасти худ ягон арра ё табареро надошта будам. Ман 6 метр баланд ба дарахт баромада, ҳис кардам, ки пойҳоям маро нигоҳ намедоранд ва ман афтидам. Вақте ки ман хушёр шудам, ҳама ҷои ман докапеч буд. Маълум шуд, ки ман се қабурға, по ва дасти чапамро шикаста будаам.*

*Муддати ду моҳ ман героин истеъмол накардам. Баъд аз он ки аз беморхона ҷавоб шудам, аввалин чизе, ки ман ҷустуҷӯ намудам - ин героин буд. Героинро дарёфт намуда, дар ҳамон ҷояш онро бо сӯзандору истифода намудам. Ва боз дар беморхона ҳушёр шудам. Маълум шуд, ки вояи пештараи героин пас аз танаффуси ду моҳа миқдори аз меъёр зиёдро ташкил додааст. Ман аз боварии наздикон ва азизон тамоман баромадам. Бештар аз ҳама ман маргро талаб мекардам»* - Ориф қиссаи худро ба ёд овард.

*«Дар интизории марги худ ман аз лаҳзаҳои охирини ҳаётам лаззат мебурдам. Ман чашмонашро пӯшида, дар пеши чашмонам одамонро бо либосҳои гуногун медидам, аммо аксари онҳо бо хилъатҳои сафед буда, чеҳраҳояшон ноайён буданд. Ногаҳон, ман ҳис кардам, ки касе маро бедор карда истодааст. Ман нимхобу нимбедор будам, ки он мард худро ҳамчун корманди кадом ташкилот муаррифӣ кард ва китобчаеро бо рақами телефон пешниҳод намуд. Ҳамон вақт ман нафаҳмидам, ки ӯ аз ман чӣ мехоҳад, аммо пас аз чанд вақте, ки ба ҳуш омадам, ман ба ин шахс занг задам. Ӯ фавран ба назди ман омад ва дар бораи ташкилоти Афиф нақл кард ва дар бораи табобати метадон маълумот дод. Он гоҳ ман фикр кардам, ки мумкин ин роҳи наҷоти ман аст»* - Ориф ҳикояашро идома дод.

Моҳи сентябри соли 2018 Ориф ба Намояндагии Афиф дар шаҳри Бохтар омад, ки дар он ҷо барои гузаштан аз ташхиси тиббӣ кӯмак расониданд ва ба барномаи ТҶЁ фиристоданд. *«Аз он вақт ман фикр мекунам, ки ман аз нав таваллуд шудам. Ҳоло, барои дастгирии оилаам, ҳар саҳар ман 5-6 сар ва пойҳои гӯсфандҳоро мехарам ва ҳамроҳи занам онҳоро мепазам, бегоҳ бошад занам ба бозор меравад ва яхнии каллашӯрборо мефурӯшад. Даромад аз яхнии каллашӯрбо барои зиндагии мо кофӣ аст. Боз ду писари калониам дар Федератсияи Руссия кор мекунанд. Зиндагӣ тадриҷан беҳтар шуд. Ман хеле шодам, ки боре бо кормандони Намояндагии Афиф вохӯрдам. Ман аз ҳама кормандони Намояндагӣ миннатдорам ва дар дуои ҳамарӯза ба Худо сипосгузорам, ки ӯ ба ман чунин кӯмаку дастгирӣ кард. Орзу дорам, ки ташкилот ба чунин одамон, ҳамчун ман, расонидани кӯмакро давом диҳад, ба онҳо умед бахшад ва ба худ онҳо боварӣ дошта бошанд "* – нақли худро ба итмом мерасонад Ориф.



Дар сурат: Ориф барои тайёр намудани яхнии каллашӯрбо ва фурӯши он ҳаракат мекунад.

Ҳикояи Ориф яке аз ҳикояҳои сершумори мизоҷони лоиҳаи «Мустаҳкамкунии шароити мусоид ва васеъ намудани миқёси чорабиниҳои профилактикӣ, табобат ва нигоҳубин барои нигоҳ доштани паҳншавии эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки онро БРСММ-Тоҷикистон бо дастгирии молиявии Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди ВНМО, сил ва вараҷа маблағгузорӣ мекунад.